«Тасдиқ мекунам»
мудири кафедраи
«Забонҳои хориҷӣ»
дотсент Ғанизода И.Ғ.
«____» ___________соли
2019
______________________

**Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон**
**Факултети муносибатхои байналмилалӣ**

**Кафедраи** «Забонҳои хориҷӣ»
Соли таҳсили 2019-2020 семестри 1санҷиши тестӣ (дар компютер)
Фанни «Забони англисӣ»
Ному насаби устод: Саидов Нуралӣ
Курси 4, Гурӯҳҳои А , Б , В , Г
Ихтисоси 1-23-01-01 Муносибатҳои байналмилалӣ

**@1.Тарҷума чӣ гуна фаъолияти инсонӣ ба ҳисоб меравад?**
$A) фарҳангӣ-адабӣ;
$B) илмӣ-оммавӣ;
$C) эҷодӣ-ҳунарӣ;
$D) ихтироотӣ;
$E) хаттӣ-шифоҳӣ;

**@2.Шакли дурусти тарҷумаи ҷумлаи “The audience, at first bewildered, suddenly took fire at his last words” кадом аст?**
$A) Шунавандагон дар аввал аз роҳашон гаштанд, ногаҳон аз суханони охирини ӯ оташ гирифтанд;
$B) Тамошобинон дар аввал ҳайрон шуданд, ногаҳон дар суханони охирини ӯ ба ҳаяҷон омаданд;
$C) Нахуст ҳозирин дар тааҷҷуб монда, баногоҳ аз суханони охирини ӯ ба ваҷд омаданд;
$D) Ҳозирин дар аввал хомӯш буданд, ногаҳон аз суханони охирини вай ба ҳаяҷон афтоданд;
$E) Аввал аудитория ҳайрон шуда, аз суханҳои охири ӯ ногаҳон оташ гирифтанд;

**@3.Дар асрҳои қадим соҳибқаламон тарҷумаро яке аз муҳимтарин самтҳои чӣ мешумориданд?**
$A) кашфиёту ихтироот;
$B) савдою тиҷорат;
$C) фарҳангу адаб;
$D) урфу одат;
$E) баромади арбобони давлатӣ;

**@4.Шакли дурусти тарҷумаи ҷумлаи “There was a roar of applause, then, more significant than mere vociferation, Presley’s listeners, as he began to speak again, grew suddenly silent” кадом аст?**
$A) Овози чаппакзанӣ сар шуд: баъд ин овоз аҳамияти зиёд дошт барои шунавандагони Преслӣ, вай аз сари нав суханрониро шурӯъ кард, ногаҳон оромӣ фаро гирифт;
$B) Он гоҳ дар он вақт овози қарсакзанӣ буд, пас ин барои шунавандагон аҳамияти зиёд дошт, вай боз аз сари нав ба сухангӯйӣ сар кард, ногаҳон ҳама хомӯш шуданд;
$C) Мавҷи кафкӯбиҳои бардавому маънидор ғулғула афканд, вале ҳамин ки Преслӣ боз лаб ба гуфтор кушод, сомеони ӯ якбора ором шуданд;
$D) Садои кафкӯбӣ ба гӯш меомад, ин баирои шунавандагони Преслӣ муҳим буд, вай боз ба сухангӯйӣ сар кард, ногаҳон боз ҳамаи ҷоро сукут иҳота кард;
$E) Садои кафкӯбиҳо баланд шуд, чун ӯ дубора ба сухан гуфтан оғоз кард, тарафдорони Преслӣ хомӯш истоданд;

**@5.Дар ибтидо донишмандон ба кадом ҷиҳатҳои тарҷума аҳамияти хоса намедоданд?**
$A) матни асл;
$B) хусусиятҳои маъноии вожаҳо;
$C) асосу қонунҳои он;
$D) матни тарҷума;
$E) сохтори ҷумлабандӣ;

**@6.Шакли дурусти тарҷумаи ҷумлаи “His next sentences were uttered in the midst of a profound stillness” кадом аст?**
$A) Ин охирин ҷумлаи гуфтаи ӯ буд дар миёни амиқи оромӣ;
$B) Вай суханони охирини худро пас аз хомӯшии зиёде иброз намуд;
$C) Дар айни сӯҳбат ҷумлаҳои минбаъдаи ӯ оромонаву пурмаънӣ баён гардиданд;
$D) Назар ба сару садои одӣ хеле аҳамиятнок буд ҷумлаҳои баъдии ӯ дар миёни сукути комил ба забон омаданд;
$E) Ин охирин суханони ӯ буд баъд аз чанд муддати хомӯшӣ;

**@7.Аз кадом навгониҳо халқҳои гуногуни ҷаҳон тавассути тарҷума шинос мешаванд?**
$A) асарҳои бадеӣ;
$B) кашфиёту ихтироот;
$C) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) маводҳои илмӣ;
$E) навгониҳои техникӣ;

**@8.Мақсади асосии тарҷума аз чӣ иборат аст?**
$A) Ба шахсоне, ки забони аслро намедонанд, кӯмак кардан;
$B) Завқи эстетикии хонандаро ба вуҷуд овардан;
$C) Хонанда ё шунавандаро бо матни тарҷумашаванда ё мазмуни нутқи шифоҳӣ ҳарчӣ беҳтар шинос кардан;
$D) Аз ҳисоби тарҷумони фоида ба даст овардан;

$E) Сухани соҳибзабонро ҳангоми тарҷума нарезондаю начаконда ба каси дигар расондан;

**@9.Дар зери мафҳуми пурраи тарҷума чиро фаҳмидан мумкин аст?**
$A) айнияти маълумот;
$B) гуногунсохтории шаклу мазмун;
$C) ягонагии шаклу мазмун;
$D) тарҷумаи шифоҳӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@10.Кадом ҳуҷҷатҳо бештар мавриди тарҷума қарор дода мешаванд?**
$A) ҳуҷҷатҳои дипломатӣ;
$B) санадҳои тиҷоратӣ;
$C) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) баромадҳои арбобони давлатию сиёсӣ;
$E) ҳуҷҷатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

**@11.Чӣ гуна тарҷумаро тарҷумаи хубу пурарзиш мешуморанд?**
$A) мувофиқати замонӣ дар ҳарду забон;
$B) дурустии меъёри наҳвии забон;
$C) меъёри дурустии тарҷума дар айнияти маълумоти ҳарду забон;
$D) воқеияти паиҳамзамонии матни асл;
$E) тарҷумаи синхронӣ;

**@12.Таърихи умумии тарҷума аз ҷониби кӣ навишта шудааст?**
$A) Фёдоров А.В.;
$B) Комиссаров В.Н.;
$C) То ҳанӯз навишта нашудааст;
$D) Ретскер Я.И.;
$E) Бархударов Л.С.;

**@13.Таърихи тарҷума бештар ҳамчун таърихи тарҷумаи кадом соҳаи илм шинохта шудааст?**
$A) таърихи тарҷумаи матнҳои классикӣ;
$B) таърихи тарҷумаи ҳуҷҷатҳои дипломатӣ;
$C) таърихи тарҷумаи адабиёти бадеӣ;
$D) таърихи тарҷумаи маводҳои забоншиносӣ;
$E) таърихи тарҷумаи санадҳои тиҷоратӣ;

**@14.Аввалин осори тарҷумашуда ба кадом замон марбут аст?**
$A) ҳазораи аввали пеш аз мелод;
$B) 2 ҳазор сол пеш аз мелод;
$C) 3 ҳазор сол пеш аз мелод;
$D) асри 5;
$E) асри 10;

**@15.Шакли дурусти тарҷумаи ҷумлаи *"18,000 pairs of eyes were recently westernized in Japan"* кадом аст?**
$A) Аллакай дар Ҷопон 18,000 чашм аврупоӣ кунонида шуданд;
$B) То ҳол дар Ҷопон 18,000 чашм ғарбӣ кунонида шуданд;
$C) Ба наздикӣ дар Ҷопон 18,000 чашм ҷарроҳӣ шуданд;
$D) Ба наздикӣ дар Ҷопон 18,000 чашм аврупоӣ кунонида мешаванд;
$E) Дар Ҷопон 18,000 чашми аврупоӣ месозанд;

**@16.Аввалин осори тарҷумашуда ба кадом давлатдорӣ рост меояд?**
$A) Юнони Қадим;
$B) Эрони Бостонӣ;
$C) Мисри Қадим;
$D) Чини Қадим;
$E) Рими Қадим;

**@17.Байни назарияи тарҷума ҳамчун соҳаи махсуси илм ва худи тарҷума бо чӣ фарқ гузошта мешавад?**
$A) интиқоли маълумот;
$B) изҳори баён;
$C) ҷараёни эҷодӣ;
$D) нуқсони матни асл;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@18.Тадқиқи қонуниятҳои таносуби нусхаи аслӣ ва тарҷума, ҷамъбасти хулосаҳо ва мушоҳидаҳои ҷузъии тарҷума ба кадом ҷиҳати тарҷума дохил мешавад?**
$A) Мазмун ва моҳияти тарҷума;
$B) Фаслҳои тарҷума;
$C) Вазифаи назарияи тарҷума;
$D) Навъҳои тарҷума;
$E) Вазифаи амалияи тарҷума;

**@19.Назарияи умумии тарҷума чиро меомӯзад?**
$A) Қоидаҳои ҷузъии тарҷума;
$B) Таърихи тарҷума;
$C) Қоидаҳои куллии тарҷума;
$D) Ҷиҳатҳои назариявии тарҷума;
$E) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@20.Барои ифодаи дурусти фикру эҳсосоти муаллифи матни асл тарҷумон бояд аз кадом илмҳои дигар бохабар бошад?**
$A) Мантиқ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ;
$B) Таърих, фарҳангу маданият;

$C) Мантиқ, равоншиносӣ, адабиётшиносӣ;
$D) Тиб, ҷомеашиносӣ, фалсафа;
$E) Химия, риёзӣ, физика;

**@21.Тарҷума ба кадоме аз ин ҷиҳатҳо вобастааст?**
$A) Омилҳои мантиқӣ;
$B) Омилҳои услубӣ;
$C) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) Омилҳои маънавӣ;
$E) Омилҳои экпрессивӣ;

**@22.Назарияи тарҷумаро ба чанд қисм ҷудо мекунанд?**
$A) 3;
$B) 4;
$C) 2;
$D) 5;
$E) тасниф намешавад;

**@23.Вазифаи меъёри интихоби дурусти воситаҳо барои айнияти тарҷума аз чӣ иборат аст?**
$A) дурустии шакл;
$B) сохтори ҷумлабандӣ;
$C) ифодаи маъно;
$D) қолаби ибораҳои рехта;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@24.Асоси фаъолияти мутарҷимро кадом категорияи таносуб ташкил медиҳад?**
$A) таносуби тағйироту дигаргунӣ дар вақти тарҷума;
$B) омилҳои эстетикӣ;
$C) таносуби функсионалӣ (ҷиҳати забонӣ);
$D) таносубҳои қаринагӣ;
$E) таносуби муодилнокӣ;

**@25.Дар ҷараёни тарҷума ба чанд категорияи таносубҳо аҳамияти хоса дода мешавад?**
$A) 4;
$B) 6;
$C) 3;
$D) 5;
$E) 2;

**@26.Шакли пурраи ихтисораи "UNESCO"-ро муайян намоед:**
$A) Unite Nationality Education, Science and Cultural Organization;

$B) United Nationalize Education, Science and Cultivate Organization;
$C) United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization;
$D) Unite Nations Educationalists, Scientific and Cultural Organization;
$E) United Nationwide Educational, Scientific and Cultuvation Organization;

**@27.Дар забоншиносӣ тамоми омилҳои тарҷумаро ба кадоме аз ин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд?**
$A) сотсиологӣ ва фарҳангӣ;
$B) адабӣ ва шевагӣ;
$C) лингвистӣ ва экстралингвистӣ;
$D) контекстуалӣ ва функсионалӣ;
$E) хаттӣ ва шифоҳӣ;

**@28.Кадом ҷузъи ҷумлаи «*The spreading zone of soil spilled by wrecked Argo Merchant could have reached the shore, the US Coast Guard reported today*» ҳамчун ибораи туфайлӣ истифода шудааст?**
$A) the spreading zone;
$B) wrecked Argo Merchant;
$C) the US Coast Guard reported today;
$D) zone of soil;
$E) spilled by wrecked;

**@29.Тарҷумон ғайр аз қоидаву қонунҳои забони асл ва тарҷумашаванда бояд аз кадом самтҳои дигар низ бохобар бошад?**
$A) таърих;
$B) этнография;
$C) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) тамаддун;
$E) ҷуғрофия;

**@30.Баъди кадом воқеаи таърихӣ нахуст кори тарҷума нақши мазҳабӣ ва муқаддасеро ба худ касб мекунад?**
$A) густариши Ислом ва интишори китоби “Қуръон”;
$B) пас аз ҷангҳои салибӣ ва ба даст овардани шаҳри Байтулмуқаддас;
$C) густариши масеҳият ва интишори китоби “Инҷил”;
$D) баъд аз тарҷумаи “Маснавии маънавӣ”-и Ҷ.Балхӣ ба забонҳои аврупоӣ;
$E) баъд аз тарҷумаи “Рӯҳнома”-и С.Ниёз ба забонҳои аврупоӣ;

**@31.Тарҷумаи дурусти ибораи «масъулини нозирот аз болои раванди интихобот» кадом аст?**
$A) election visitors;
$B) guards for election;
$C) poll watchers;
$D) people of election;

$E) the control of election;

**@32.Сарлавҳаҳои бо феъл ифодаёфтаи англисиро дар кадом қолаби ҷумлаи забони тоҷикӣ тарҷума кардан лозим аст?**
$A) ҷумлаи тасдиқӣ;
$B) ҷумлаи хабарӣ;
$C) ҷумлаи унвонӣ;
$D) ҷумлаи саволӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@33.Дар таърихи тарҷумаи Эрон собиқаи тарҷумаи хаттиашон аз кадом забон оғоз меёбад?**
$A) арабӣ;
$B) юнонӣ;
$C) санскрит;
$D) римӣ;
$E) бохтарӣ;

**@34.Тарҷумаи дурусти ибораи «корро кашола кардан» кадом аст?**
$A) to steal;
$B) to pull the string;
$C) to toil;
$D) to memorize;
$E) to solve;

**@35.Чанд тамоюли асосии ба ҳам зид дар тарҷума вуҷуд дорад?**
$A) 3;
$B) 4;
$C) 2;
$D) 5;
$E) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

**@36.Дар ҷумлаи «He is considered a good teacher – Ӯро муаллими хуб мешуморанд» кадоме аз шаклҳои феъл истифода шудааст?**
$A) фоил;
$B) масдар;
$C) мафъул;
$D) герундия;
$E) сифати феълӣ;

**@37.Маъмулан тарҷумаи кадоме аз ин китобҳоро ҳамчун тарҷумаи таҳтуллафзӣ меҳисобанд?**
$A) "Куллиёт"-и Клотса ва асари "Баллимот";
$B) китоби Инҷил ва рисолаҳои фалсафии Суқрот;

$C) рисолаҳои фалсафии Арасту ва китоби Инҷил;
$D) “Самаки Айёр” ва “Ҳазору як шаб”;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@38.Дар ҷумлаи «This newspaper makes a feature of sports – Дар ин рӯзнома ба варзиш ҷои намоён ҷудо карда мешавад» кадоме аз усулҳои тарҷума истифода шудааст?**
$A) антономия;
$B) таҳтуллафзӣ;
$C) куллбофӣ;
$D) мушаххасгардонӣ;
$E) инверсия;

**@39.Сухани “Ман ҳам фикр, ҳам сохт, ба истилоҳ қиёфаи онҳо (нутқҳо)-ро маҳфуз доштаам, аммо дар интихоби калимаҳо унсурҳои забонии худро ба инобат гирифтаам”ба қалами кадом донишманд тааллуқ?**
$A) Ҷорҷ Мунон;
$B) Демосфен;
$C) Роҷер Бекон;
$D) Ситсерон;
$E) Анхел де Марӣ;

**@40.Тамоюлоти асосии ба ҳам зид дар тарҷума кадоманд?**
$A) тарҷумаи комил ва ҳарфбаҳарф;
$B) транскрипсия ва транслитератсия;
$C) тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва озод;
$D) нусхабардорӣ (калка) ва тарҷумаи дутарафа;
$E) тарҷумаи антонимӣ ва тарҷумаи ҷанбавӣ;

**@41.Дар ҷумлаи «The participating States intend to further the development of contacts and exchange among young people encouraging the further development of youth tourism and provision to this end of appropriate facilities –** *Кишварҳои аъзо ба минбаъд равнақ додани робитаҳо ва мубодила дар байни ҷавонон тавассути бештар ҳавасманд намудани сайёҳии ҷавонон ва ба ҳамин мақсад таъмин намудани имтиёзҳои зарурӣ, азм доранд*» **кадоме аз усулҳои тарҷума истифода шудааст?**
$A) инверсия;
$B) куллгӯӣ;
$C) мушаххасгардонӣ;
$D) таҳтуллафзӣ;
$E) антономия;

**@42.Байни назарияи тарҷума ҳамчун соҳаи махсуси илм ва худи тарҷума бо чӣ фарқ гузошта мешавад?**
$A) интиқоли маълумот;

$B) изҳори баён;
$C) ҷараёни эҷодӣ;
$D) нуқсони матни асл;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@43.Нахустин китобе, ки аз забонҳои аврупоӣ ба форсӣ тарҷума шудааст кадом аст?**
$A) "Баллимот";
$B) "Отелло";
$C) "Чарлзи Дувоздаҳум";
$D) "Китоби ҷангҳо";
$E) "Куллиёт"-и Клотса;

**@44.Дар ҷумлаи «The troops shall not be used except for emergancy – Қувваҳои мусаллаҳ бояд фақат дар ҳолати фавқулода истифода шаванд» кадоме аз усулҳои тарҷума истифода шудааст?**
$A) инверсия;
$B) таҳтуллафзӣ;
$C) антонимӣ;
$D) мушаххасгардонӣ;
$E) куллбофӣ;

**@45.Якобсон тарҷумаро ба чанд навъ ҷудо намудааст?**
$A) 2;
$B) 6;
$C) 3;
$D) 4;
$E) 5;

**@46.Назарияи тарҷума дар системаи илмҳои забоншиносӣ бо кадоме аз онҳо иртибот дорад?**
$A) морфология, фонетика, грамматика;
$B) грамматика, терминология, типология;
$C) лексикология, грамматика, услубшиносӣ;
$D) этнология, мантиқшиносӣ, таърихи забон;
$E) мадхали забоншиносӣ, синтаксис, овошиносӣ;

**@47.Ҳангоми тарҷума дар зери мафҳуми «дигаркунии куллӣ» чӣ дар назар дошта мешавад?**
$A) мушаххасгардонии матнҳои калонҳаҷм;
$B) тарҷумаи пурраи матн;
$C) дигар кардани шакли дохилии ибораҳои алоҳидаи нутқ ва тамоми ҷумла;
$D) куллбофӣ дар тарҷума;
$E) антонимияи вожаҳо;

**@48.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**top-level summit talks;**
$A) гуфтушуниди тарафайн;
$B) гуфтушуниди муқаррарӣ;
$C) гуфтушунид дар сатҳи баланд;
$D) гуфтушунид дар сатҳи паст;
$E) гуфтушуниди муфид;

**@49.Дар забони тоҷикӣ алоқа байни ибораҳои атрибутивӣ (муайянкунандагӣ) ба воситаи чӣ сурат мегирад?**
$A) бандаки изофӣ;
$B) пайвандак;
$C) пешоянд;
$D) ҳиссача;
$E) апостроф;

**@50.Дар ҷумлаи** «*Масъулини нозирот аз болои раванди интихобот бар асоси дуҳизбӣ интихоб мешаванд... – Bipartisan selection of poll watchers and their right to challenge voters and their votes are designed to prevent ballot-box-stuffing*» **кадоме аз воситаҳои маъмули тарҷума аз забони тоҷикӣ ба англисӣ истифода шудааст?**
$A) конверсия;
$B) тарҷумаи матн;
$C) якҷо кардани ҷумлаҳо;
$D) тарҷумаи айнани ҷумлаҳо;
$E) баргардониши матн ба забони асл;

**@51.Дар назарияи тарҷума вожаи забони тоҷикиро, ки маъноан ба ягон калимаи забони англисӣ наздик аст, чӣ меноманд?**
$A) мувофиқати матнӣ;
$B) мувофиқати тарҷума;
$C) мувофиқати луғавӣ;
$D) мувофиқати порчагӣ;
$E) мувофиқати услубӣ;

**@52.Шакли дурусти тарҷумаи калимаи «некӯаҳволии сокинон»-ро аз зер ёбед:**
$A) well being;
$B) prosperity;
$C) the health of the city;
$D) facilities;
$E) possibility;

**@53.Инверсия чист?**
$A) баргардониши матн;

$B) кӯтоҳкунии матн;
$C) ҷойивазкунии баръакси калимаҳо ва ибораҳо;
$D) хондану нақли матн;
$E) рӯйнавис намудани матн аз забони асл;

**@54.Таърихи тарҷума чиро меомӯзад?**
$A) вазифаҳои асосӣ ва шартҳои истифодабарии забон;
$B) хусусиятҳои жанрии маводи тарҷума;
$C) таҷрибаҳо, афкор ва нуқтаи назарҳоро роҷеъ ба тарҷума;
$D) вазифаҳо ва шартҳои тарҷума;
$E) хусусиятҳои жанрии маводи тарҷума;

**@55.Тарҷумаи дурусти ибораи «маълумоти пурраи миёна доранд»-ро аз зер ёбед?**
$A) to be at school;
$B) to end school;
$C) to complete school;
$D) to go to school;
$E) to come to school;

**@56.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**The Commonwealth of Independent States.**
$A) Иттиҳоди шуравӣ;
$B) Иттиҳоди шоҳаншоҳӣ;
$C) Иттиҳоди давлатҳои мустақил;
$D) Иёлоти муттаҳида;
$E) Созмони муттаҳид;

**@57.Хусусияти асосии тарҷумаи синхронӣ аз чӣ иборат аст?**
$A) тарҷума баъд аз нутқи нотиқ;
$B) тарҷума пеш аз нутқи нотиқ;
$C) тарҷума ҳамзамони нутқи нотиқ;
$D) кӯтоҳ кардани матн;
$E) ёфтани эквиваленти муносиб;

**@58.Дар тарҷума мувофиқати ҳамешагӣ ва баробарро чӣ меноманд?**
$A) антоним;
$B) омоним;
$C) эквивалент ё ҳаммаъно;
$D) синоним;
$E) мувофиқати сохторӣ;

**@59.Дар назарияи тарҷума таъйини вазифаҳои асосии он аз чӣ иборат аст?**
$A) шарҳи мухтасари таърихи тарҷума;
$B) баррасии вазифаҳо ва шартҳои тарҷума вобаста ба хусусиятҳои жанрӣ;

$C) муайян намудани шартҳои истифодабарии забон ҳамчун воситаи алоқа барои тарҷума;
$D) муайян кардани қоидаҳои умумии воситаҳои баён;
$E) муайян намудани услуби фардии муаллиф;

**@60.Тарҷумаи дурусти ибораи «насиҳат кардан»-ро аз зер ёбед:**
$A) to be happy;
$B) to read moral;
$C) to moralize;
$D) to advise;
$E) to write a dictation;

**@61.Ба маънои як калимаи забони англисӣ қисман чанд вожаи забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд, яъне он якчанд вожаҳои ҳаммаъно дорад. Чунин намуди ҳаммаъногӣ чӣ ном дорад?**
$A) ҳаммаъногии пурра;
$B) ҳаммаъногии нопурра;
$C) ҳаммаъногии мухталиф (вариантӣ);
$D) ҳаммаъногии антонимӣ;
$E) ҳаммаъногии синонимӣ;

**@62.Баррасии вазифаҳо ва шартҳои тарҷума ба кадом хусусиятҳои жанрии маводи он вобастааст?**
$A) хабарҳои расонаҳо;
$B) ҳуҷҷатҳои расмӣ;
$C) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) асарҳои иҷтимоию сиёсӣ;
$E) тамоми жанрҳои адабиёти бадеӣ;

**@63.Тарҷумаи дурусти ибораи «доғи шармандагӣ»-ро аз зер ёбед:**
$A) stamp of shame;
$B) seasons;
$C) stigma;
$D) silence;
$E) certificate;

**@64.Яке аз намудҳои маъмули ибораҳои озод дар тарҷума кадом аст?**
$A) ибораҳои сифатӣ;
$B) ибораҳои феълӣ;
$C) ибораҳои атрибутивӣ;
$D) ибораҳои масдарӣ;
$E) ибораҳои пешояндӣ;

**@65.Тарҷумаи синхронӣ тавассути чӣ анҷом меёбад?**

$A) бо истифода аз луғат;
$B) бидуни истифодаи луғат;
$C) тавассути таҷҳизот;
$D) бо ёрии компютер;
$E) бо истифода аз интернет;

**@66.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**The Prime Minister expressed warm gratitude to the French government for the cordial reception.**
$A) Сарвазир ба мансабдорони Фаронса барои пазироии самимона изҳори миннатдорӣ баён кард;
$B) Сарвазир ба ҳукуматдорони Фаронса барои суҳбати самимона изҳори миннатдорӣ баён кард;
$C) Сарвазир ба ҳукуматдорони Фаронса барои пазироии самимона изҳори миннатдорӣ баён кард;
$D) Сарвазир ба ҳукуматдорони Фаронса барои меҳмоннавозии самимона ташаккур гуфт;
$E) Сарвазир ба ҳукуматдорони Фаронса барои пазироӣ изҳори миннатдорӣ баён кард;

**@67.Муайянкунии қоидаҳои умумии воситаҳои баён, ки тавассути онҳо услуби фардии нависанда зоҳир мегардад дар кадом фасли назарияи тарҷума таҳқиқ мешавад?**
$A) Таъйини вазифаҳои асосии назариявии тарҷума;
$B) Таърихи тарҷума;
$C) Баррасии вазифаҳо ва шартҳои тарҷума вобаста ба хусусиятҳои жанрии маводи он;
$D) Муқоисаи доимии фактҳо;
$E) Нуқтаи назари куллӣ ба падидаҳои забон;

**@68.Мафҳуми «компрессияи матн»-ро аз зер ёбед:**
$A) иваз кардани матн;
$B) тарҷумаи матн;
$C) фишурдаи матн;
$D) баргардониши матн ба забони асл;
$E) рӯйнавишти матн;

**@69.Истифодаи кадоме аз маъниҳои вожаи *sentiment* ҳангоми тарҷумаи ҷумлаи "Anti-war sentiment was high among the delegates" мувофиқтар аст?**
$A) тафаккур;
$B) ақоид ва афкор;
$C) муносибат, ҳиссиёт;
$D) тамоил, гароиш;
$E) таъриф, дуруд;

**@70.Транслитератсия чист?**
$A) кӯтоҳкунӣ;
$B) куллбофӣ;
$C) ҳарф ба ҳарф баргардонӣ;
$D) мушаххасгардонӣ;
$E) ёфтани синоним ва ё антоними вожаҳо;

**@71.Дар кадоме аз фаслҳои назарияи тарҷума масъалаҳои забоншиносӣ бо масоили адабиётшиносӣ иртибот пайдо мекунанд?**
$A) Муқоисаи доимии фактҳо;
$B) Таъйини вазифаҳои асосии назариявии тарҷума;
$C) Баррасии вазифаҳо ва шартҳои тарҷума вобаста ба хусусиятҳои жанрии маводи он;
$D) Таърихи тарҷума;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@72.Тарҷумаи ҳамзамонӣ одатан дар кадом ҳолатҳо истифода мешавад?**
$A) ҳангоми тарҷумаи яктарафа;
$B) ҳангоми тарҷумаи хаттӣ;
$C) дар конференсияҳо, семинарҳо ва симпозиумҳо;
$D) ҳангоми тарҷумаи пайдарпай;
$E) ҳангоми лексияи устодон;

**@73.Шакли дурусти тарҷумаи англисии ҷумлаи «*Ӯ хеле бадбахт менамуд*»-ро аз намунаҳои зер ёбед:**
$A) She was looking too happy;
$B) She is looking too happy;
$C) She wasn’t looking too happy;
$D) She will be looking too happy;
$E) She has looking too happy;

**@74.Аз рӯи шумораи аъзоҳои ҷумла ҷумлаҳои забони англисиро ба чанд қисми асосӣ ҷудо мекунанд?**
$A) 3;
$B) 2;
$C) 5;
$D) 4;
$E) 6;

**@75.Назарияи тарҷума аз илмҳои дигари забоншиносӣ (грамматика, услубшиносӣ, таърихи забон ва ғ.) бо кадом хусусиятҳои худ фарқ мекунад?**
$A) иртиботи масъалаҳои забоншиносӣ бо масоили адабиётшиносӣ ва муайян кардани қоидаҳои умумии воситаҳои баён;

$B) муайян кардани услуби фардии нависанда ва риояи меъёрҳои забонии матни асл;
$C) муқоисаи доимии фактҳо аз нигоҳи забонҳои гуногун ва нуқтаи назари куллӣ ба падидаҳои забон дар иртиботи мутақобилаи онҳо;
$D) шарҳи мухтасари таърихи тарҷума ва ҷамъбасти таҷрибаю афкори донишмандон;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@76.Дар ҷумлаи *“A group of Members of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the RT returned to Dushanbe three days ago from a tour to USA”* ҳолшарҳкунандаҳо дар кадом қисмати ҷумла омадааст?**
$A) дар аввали ҷумла;
$B) дар байни ҷумла;
$C) дар охири ҷумла;
$D) бо дигар аъзоҳои ҷумла иваз карда шудааст;
$E) ҳолшарҳкунанда надорад;

**@77.Чаро ҳангоми тарҷума мутарҷими ҳамзамонӣ дар кабина ҷудо менишинад?**
$A) то ки дигарон ӯро нашунаванд;
$B) то ки хуб тарҷума кунад;
$C) то ки овозаш ба овози нотиқ халал нарасонад;
$D) то ки беҳтар шунавад;
$E) то ки монда нашавад;

**@78.Кадом усули тарҷума на фақат барои баргардондани исмҳои хос ва номҳои ҷуғрофӣ, балки вожаҳои ифодагари ҳақиқати реалӣ, ки ба дилхоҳ кишвар хос ҳастанд истифода мешавад?**
$A) генерализатсия;
$B) интерпретатсия;
$C) транслитератсия;
$D) тарҷумаи интерсемиотикӣ;
$E) дигаргунии куллӣ;

**@79.Чанд навъи тарҷумаи ҳамзамониро мушоҳида кардан мумкин аст?**
$A) гуногун;
$B) ду навъ;
$C) се навъ;
$D) чор навъ;
$E) панҷ навъ;

**@80.Ҳамчун гузаротарин душмани тарҷумаи таҳтуллафзӣ киро мешуморанд?**
$A) Роҷер Бекон;

$B) Эсхил;
$C) Мартин Лютер;
$D) Демосфен;
$E) Гердер;

**@81.Транскрипсия чист?**
$A) куллбофӣ;
$B) кӯтоҳкунӣ;
$C) баргардониши овозӣ;
$D) мушаххасгардонӣ;
$E) ёфтани синоним ва ё антоними вожаҳо;

**@82.Тарҷумаи ҳамзамонӣ кай оғоз гардида буд?**
$A) асри 19;
$B) нимаи якум асри 20;
$C) нимаи дуюми асри 20;
$D) соли 1990;
$E) асри 2;

**@83.Тарҷумаи дурусти ҷумлаи «Фикр кардам, ки барои занг задан касе надорам» кадом аст?**
$A) I can think he will call me;
$B) I shall think to call them;
$C) I couldn't think of anybody to call up;
$D) We will call him later;
$E) I will call him today;

**@84.Кадом намуди тарҷумаи синхронӣ аз ҳама мушкилтарин ва аз ҳама маъмултарин мебошад?**
$A) тарҷумаи пайдарпай;
$B) тарҷумаи дутарафа;
$C) тарҷумаи ҳазамонии «овозӣ»;
$D) тарҷумаи яктарафа;
$E) тарҷумаи ҳазамонии хаттӣ;

**@85.Дар зери мафҳуми ... калима ва ибораҳоеро мефаҳманд, ки барои ифода кардани предмети нав ё амали нав ё барои ифода кардани маънои нав, ки ба забони адабӣ ворид шудаанд истифода мешаванд.**
$A) антоним;
$B) синоним;
$C) неологизм;
$D) архаизм;
$E) эвфемизм;

**@86.Шакли дурусти тарҷумаи англисии ҷумлаи «*Дар пушти тахт шахсияте ниҳон аст, ки аз худи шоҳ пурқудраттар аст*»-ро аз зер ёбед:**
$A) There were something behind the throne greater than the King himself;
$B) There was something behind the throne greater than the King himself;
$C) There is something behind the throne greater than the King himself;
$D) There are something behind the throne greater than the King himself;
$E) There will be something behind the throne greater than the King himself;

**@87.Дар баъзе ҳолатҳо барои тарҷумаи ибораҳои атрибутивӣ ба забони англисӣ пешоянд истифода нашуда, … истифода мешавад**
$A) пайвандаки and;
$B) ҳиссачаи not;
$C) шакли соҳибияти ′s;
$D) феъли to be;
$E) артикли an;

**@88.Тарҷумаи ҳамзамонӣ ба чанд забон имконпазир аст?**
$A) ба се забон;
$B) ба ду забон;
$C) ба чор забон;
$D) ба панҷ забон;
$E) ба чандин забонҳо;

**@89.Дар мисоли зерин ҳамчун воҳиди тарҷума кадоме аз инҳо истифода шудааст:**
**Birds of a feather flock together~Дузд дуздро дар шаби торик мешиносад.**
$A) калима;
$B) матн;
$C) ҷумла;
$D) ибора;
$E) истилоҳ;

**@90.“H2O – об”- мисоли мазкур ба кадом намуди тарҷума дохил мешавад?**
$A) тарҷумаи дохилизабонӣ;
$B) тарҷумаи байнизабонӣ;
$C) тарҷумаи семиотикӣ;
$D) тарҷумаи илмӣ-тадқиқотӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@91.Барои вожае, ки дар забони тарҷума эквивалент надоранд, кадом усул истифода мешавад?**
$A) кӯтоҳкунӣ;
$B) баргардониши овозӣ;
$C) калка;

$D) куллбофӣ;
$E) ёфтани синоним ва ё антоними вожаҳо;

**@92.Ҳангоми тарҷумаи ҷумлаҳои бешахс бо зарфҳои *мумкин, мумкин не* аз кадом шакли феъл бештар истифода мебаранд?**
$A) ёридиҳанда;
$B) модалӣ;
$C) мафъул;
$D) масдар;
$E) инкорӣ;

**@93.Яке аз хусусиятҳои манфии тарҷумаи ҳамзамонӣ аз чӣ иборат аст?**
$A) вақт хеле зиёд аст;
$B) вақт сарфа мешавад;
$C) иттилоот пурра тарҷума мешавад;
$D) вақт талаф дода мешавад;
$E) дараҷаи зиёди иттилоот гум мешавад;

**@94.Номҳои инсон ё исмҳои хос ва номи предметҳои дигар бо кадом усул баргардонида мешаванд?**
$A) кӯтоҳкунӣ;
$B) баргардониши овозӣ;
$C) транлитератсия;
$D) куллбофӣ;
$E) калка;

**@95.Дар тарҷумаи синхронӣ мутарҷимон бояд чанд дақиқа пас мунтазам иваз карда шаванд?**
$A) 25 дақиқа;
$B) 30 дақиқа;
$C) 15-20 дақиқа;
$D) 45 дақиқа;
$E) 50 дақиқа;

**@96.Дар зери мафҳуми … дигар кардани шакли дохилии ибораҳои алоҳидаи нутқ ва ҳам тамоми ҷумла дар назар дошта мешавад.**
$A) мушаххасгардонӣ;
$B) якҷо кардани ҷумлаҳо;
$C) дигаргунии куллӣ;
$D) иловакунӣ;
$E) ихтисоркунӣ;

**@97.Яке аз талаботи зарурӣ нисбати тарҷумони ҳамзамонӣ аз озод донистани … мебошад.**

$A) забони асл;
$B) урфу одатҳо;
$C) забони модарӣ ва хориҷӣ;
$D) грамматика;
$E) терминология;

**@98.Чӣ хусусияти барҷастаи тарҷумонони касбӣ мебошад?**
$A) овози баланд доштан;
$B) таллафузи хуб доштан;
$C) чаққонӣ ва зуд амал кардан;
$D) хотираи хуб;
$E) луғати зиёд донистан;

**@99.Тарҷумаи озод дар кадом асрҳо мақоми бештаре пайдо мекунад?**
$A) 3-2 пеш аз мелод;
$B) 2-3 милодӣ;
$C) 17-18;
$D) 15-16;
$E) 9-10;

**@100.Дар кадом давра тарҷумонҳо бо баҳонаи тарҷумаи озод дар кори худ зиёдаравӣ намуда, ҳатто сюжети асарро ҳангоми тарҷума иваз мекарданд?**
$A) ратсионализм;
$B) маорифпарварӣ;
$C) класситсизм;
$D) давраи Эҳё;
$E) романтизм;

**@101.Барои тарҷумони хуб шудан танҳо … натиҷаи дилхоҳ оварда метавонад.**
$A) хоҳиши тарҷумон шудан;
$B) луғатнависӣ;
$C) истеъдод ва хоҳиши меҳнати зиёд кардан;
$D) тарҷумаи шифоҳӣ;
$E) орзуи тарҷумон шудан;

**@102.Соли 1754 Мария-Терезия (императори Австрия) ба хотири додугирифт бо кишварҳои Шарқ чӣ кореро анҷом дод?**
$A) мутарҷимонро ба тарҷумаи осори Шарқ дастур дод;
$B) экспедитсияҳои тадқиқотӣ-илмиро ба роҳ монд;
$C) Академияи Шаркро таъсис дод;
$D) ба кишварҳои Шарқ сафир фиристод;
$E) бо марди шарқӣ издивоҷ намуд;

**@103.Дар Аврупо то асри 19 кадом забонҳо забонҳои дипломатӣ ба шумор мерафтанд?**
$A) англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ;
$B) итолёвӣ, фаронсавӣ, англисӣ;
$C) лотинӣ, итолиёвӣ ва фаронсавӣ;
$D) хитоӣ, ҷопонӣ, мисрӣ;
$E) русӣ, испанӣ, англисӣ;

**@104.Назарияи тарҷума ҳамчун илм кай ба вуҷуд омадааст?**
$A) дар аввалҳои асри XX;
$B) соли 1991;
$C) дар миёнаҳои асри XX;
$D) соли 1919;
$E) дар охирҳои асри XX;

**@105.Яке аз заминаҳои муҳими пайдоиши назарияи тарҷума чӣ ба шумор меравад?**
$A) инкишофи пуравҷи илми забоншиносӣ;
$B) забоншиносии сохторӣ;
$C) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) семиотика;
$E) забоншиносии иҷтимоӣ;

**@106.Ҳамоише, ки соли 1945 дар Сан-Франсиско дар мавриди таъсиси СММ гузашт, ҷараёни он бо чанд забон тарҷума мешуд, ки онҳо баъдтар ҳамчун забонҳои расмии СММ шинохта шуданд?**
$A) 3 забон;
$B) 4 забон;
$C) 5 забон;
$D) 6 забон;
$E) 2 забон;

**@107.Забоншиносии сохторӣ дар муқаррар кардани сохтори чӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардид?**
$A) нақшаи мазмун;
$B) воситаҳои забонӣ;
$C) ҷанбаи ифодаи фикр;
$D) унсурҳои луғавӣ;
$E) нозукиҳои тарҷума;

**@108.Аломатҳо ва рамзҳои универисалии тарҷумонӣ (УПС) ба мақсади ба низом даровардани тарҷумаи дутарафа ва то чанд фисад баланд бардоштани дараҷаи баробарии тарҷума истифода мешавад?**
$A) 10-20%;

$B) 70-80%;
$C) 95-98%;
$D) 55-60%;
$E) 25-30%;

**@109.Тарҷумони синхронӣ барои як кас ё як гурӯҳи хурд баъзан бо кадом усул бе истифодаи воситаҳои техникӣ тарҷума мекунад?**
$A) тарҷумаи пайдарпай;
$B) тарҷумаи хаттӣ;
$C) пичир-пичир;
$D) тарҷумаи овозӣ;
$E) тарҷумаи ҷумла ба ҷумла;

**@110.Тарҷумаи синхронии аслӣ – ин тарҷума бо истифодабарии кадом восита мебошад?**
$A) луғатномаҳо;
$B) компютер;
$C) таҷҳизоти мушаххас;
$D) тарҷумаи адабӣ;
$E) тарҷумаи ҷумла ба ҷумла;

**@111.Дар Аврупо дар даҳсолаи аввали асри бист ҳамчун забони асосии бештари ҳамоишҳое, ки иштирокчиёнашон аз миллатҳои гуногун буданд, кадом забон шинохта мешуд?**
$A) англисӣ;
$B) олмонӣ;
$C) фаронсавӣ;
$D) итолёвӣ;
$E) испанӣ;

**@112.Ҳангоми тарҷумаи синхронӣ мутарҷим бояд чӣ кор кунад, то ки нотиқ фикрашро ба охир расонад ва фикр пурра фаҳмо шавад?**
$A) аз луғат истифода барад;
$B) метавонад аз матн берун шавад;
$C) интизор шавад;
$D) бояд матро кӯтоҳ кунад;
$E) метавонад тафсир кунад;

**@113.Аломатҳо ва рамзҳои универисалии тарҷумонӣ (УПС) барои ҳар як тарҷумон ... мебошад, аммо баъзе хусусиятҳои умумӣ доранд.**
$A) якхела;
$B) баробар;
$C) мушаххас;
$D) зарур;

$E) бо ҳам монанд мебошанд;

**@114.Дар Аврупо барои робита пайдо кардан бо кишварҳои Шарқ ва ҷалб намудани шарқшиносону тарҷумонон Академияи шарқӣ кадом сол таъсис дода шуд?**
$A) 1574;
$B) 1678;
$C) 1754;
$D) 1856;
$E) 1917;

**@115.Дар қисмати семантика назарияи сохтори семантикӣ ба омӯзиши чӣ равона мешавад?**
$A) қолаби сохтории ҷумлаҳо;
$B) мазмуни ҷумла;
$C) мазмуни воҳидҳои забонӣ;
$D) қолаби сохтории ибораҳо;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@116.Бо мурури замон мавзӯи баҳси назарияи сохтори семантикӣ чӣ муқаррар гардид?**
$A) мавқеи назарияи тарҷума дар байни илмҳои дигар;
$B) алоқаи он бо қисматҳои дигари илми забоншиносӣ;
$C) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) тафовути назарияи илмии тарҷума;
$E) сохтори семантикии воҳидҳои забонӣ;

**@117.Асарҳои илмии «Мадхали назарияи тарҷума» ва «Асосҳои умумии тарҷума» ба қалами кадом донишманд мансубанд?**
$A) Ретскер Я.И.;
$B) Бархударов Л.С.;
$C) Фёдоров А.В.;
$D) Комиссаров В.Н.;
$E) Виноградов В.И.;

**@118.Чӣ эътимоднокии тарҷумони синхрониро таъмин мекунад?**
$A) дониши хуб;
$B) таҷрибаи тарҷумаи хаттӣ доштан;
$C) тахминкунии пешакӣ;
$D) доштани луғатҳо;
$E) таҷрибаи тарҷумаи шифоӣ доштан;

**@119.Истифодаи принсипҳои лингвистӣ дар мушкилоти тарҷума аз ҷониби кадом забоншиносон пешниҳод шудааст?**

$A) Ҷ.Мунон, Е.Нида;
$B) Ю.Катсер, Ю.Пейдо;
$C) Ж.Винне, Ж.Дарбелне;
$D) А.Фитерман, В.Гак;
$E) В.Розенсвейг, А.Фёдоров;

**@120.Аз лиҳози назарияи лингвистӣ тарҷума чист?**
$A) ҷараёни тасҳеҳи нутқи шифоҳии як забон бо матни ҳамин забон;
$B) натиҷаи раванди тарҷума, яъне худи матни тарҷумашуда;
$C) ҷараёни тасҳеҳи нутқи шифоҳии як забон дар матни забони дигар ва натиҷаи ин ҷараён;
$D) матни бо рамзҳо ифодаёфтаи як забон дар низоми семиотикии забони дигар;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@121.Матни тарҷумашударо бо матни асл аз лиҳози функсионалӣ, сохторӣ ва маъноӣ муқоиса мекунанд. Кадоме аз муқоисаҳо аз ҳама муҳимтарин ба ҳисоб меравад?**
$A) муқоисаи функсионалӣ;
$B) муқоисаи сохторӣ;
$C) муқоисаи маъноӣ;
$D) муқоисаи функсионалӣ ва сохторӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@122.Пайдоиши назарияи лингвистии тарҷума ба чӣ алоқаманд аст?**
$A) ба фаъолияти мутарҷимони шӯравӣ дар давоми Ҷанги дуюми ҷаҳон;
$B) ба ҷараёни корҳои Нюренбергс пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон;
$C) ба рушди забоншиносӣ ва афзудани миқдори тарҷумаҳо дар саросари ҷаҳон;
$D) ба тадқиқотҳои илмии забоншинос Л.С.Бархударов;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@123.Назарияи тарҷумаро ба кадом қисмати забоншиносӣ мансуб медонанд?**
$A) микролингвистика ва забоншиносии назариявӣ;
$B) забоншиносии умумӣ ва психолингвистӣ;
$C) макролингвистика ва забоншиносии амалӣ;
$D) макролингвистика ва забоншиносии назариявӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@124.Барои мутарҷими шифоҳӣ кадом усул хеле фоиданок мебошад?**
$A) тарҷумаи яктарафа;
$B) тарҷумаи таҳтуллафзӣ;
$C) тарҷумаи синхронӣ кардан;
$D) хаттӣ тарҷума кардан;
$E) тарҷумаи компютерӣ кардан;

**@125.Хусусиятҳои тарҷумаи матнҳои гуногун ва ба ин ҷараён таъсир расонидани тарзҳои гуфтор ва шароити воқеъ гардидани он дар кадом қисмати назарияи тарҷума омӯхта мешавад?**
$A) назарияи хусусии тарҷума;
$B) назарияи тарҷумаи намунавӣ;
$C) назарияи махсуси тарҷума;
$D) назарияи умумии тарҷума;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@126.Маъмултарин забони сунъии сохташуда чӣ ном дорад?**
$A) паскал;
$B) банту;
$C) эсперанто;
$D) лингво;
$E) полиглот;

**@127.Тарҷума аз ягон забони сунъӣ ба забони сунъии дигарро чӣ меноманд?**
$A) Транспозитсия;
$B) Транслитератсия;
$C) Трансмутатсия;
$D) Модели трансформатсионӣ;
$E) Транскрипсия;

**@128.Воҳиди асосии тарҷума кадом аст?**
$A) морфема;
$B) калима;
$C) дилхоҳ воҳиди сатҳи забонӣ;
$D) ҷумла;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@129.Қисмати назарияи лингвистии тарҷума, ки ҷанбаи лингвистии тарҷумаро аз як забон ба забони дигар меомӯзад, чӣ ном дорад?**
$A) назарияи умумии тарҷума;
$B) назарияи махсуси тарҷума;
$C) назарияи хусусии тарҷума;
$D) назарияи тарҷумаи намунавӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@130.Мутарҷимони касбии тарҷумаи синхронӣ одатан аз кадом методи тарҷума парҳез мекунанд?**
$A) тарҷумаи хаттӣ;
$B) тарҷумаи овозӣ;
$C) пичир-пичир кардан;
$D) тарҷумаи шифоҳӣ;

$E) тарҷума бо луғат;

**@131.Вобаста ба тарзи гуфтор тарҷумаро ба чанд шакли асосӣ ҷудо мекунанд?**
$A) пайдарҳамӣ ва синхронӣ;
$B) бадеӣ ва иттилоотӣ;
$C) хаттӣ ва шифоҳӣ";
$D) озод ва ҳарф ба ҳарф;
$E) фразавӣ ва калима ба калима;

**@132.Тахмини нодурусти мақсади нотиқ метавонад ба чӣ гуна тарҷума оварда расонад?**
$A) пурра;
$B) хаттӣ;
$C) ноқис;
$D) шифоӣ;
$E) комил;

**@133.Кадом донишмандон назарияи усули тарҷуманашавандагиро ҷонибдорӣ мекарданд?**
$A) Декарт, Лейбнитс, Де Соссюр;
$B) Арасту, Ситсерон, Тайтлер;
$C) В.Гумболдт, Э.Сепир, Б.Уорф;
$D) Л.Бархударов, Я.Ретскер, В.Комиссаров;
$E) Э.Муллоқандов, М.Нағзибекова;

**@134.Нисбати кадом консепсияи таърихии муодилнокӣ истилоҳи "тарҷумаи ғуломона" истифода мегардад?**
$A) консепсияи мувофиқати эстетикӣ;
$B) консепсияи мувофиқати динамикӣ;
$C) консепсияи мувофиқати шаклӣ;
$D) назарияи "скопос" (тарҷумаи дастаҷамъона);
$E) назарияи умумияти забонҳо;

**@135.Тарҷумае, ки дар доираи ҷумлаҳо ва ибораҳои алоҳида паиҳамдигар ба ҷо оварда мешавад, чӣ ном дорад?**
$A) тарҷумаи пайдарҳам;
$B) тарҷумаи комил;
$C) тарҷумаи фразавӣ;
$D) тарҷумаи ҳамзамонӣ;
$E) тарҷумаи дақиқ;

**@136.Кадом сатҳи тарҷумаи муодилнокӣ дараҷаи ками монандии маъноӣ байни матни асл ва матни тарҷумашавандаро дорад?**

$A) сатҳи шабоҳати вазъӣ;
$B) сатҳи маъноии калимаҳо;
$C) сатҳи мақсади иртиботӣ;
$D) сатҳи сохтори наҳвӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@137.Тарҷумони синхронӣ бояд забони адабӣ ва роҳҳою воситаҳои чӣ гуна тарҷумаро хуб донад?**
$A) хаттиро;
$B) пайдарпайро;
$C) услубиро;
$D) яктарафаро;
$E) ҷумла ба ҷумларо;

**@138.Муаллифи назарияи "скопос" (тарҷумаи дастаҷамъона) кист?**
$A) Ю.Найда;
$B) В.Комиссаров;
$C) К.Райс;
$D) В.Коллер;
$E) Я.Ретскер;

**@139.Кадом консепсияи тарҷума мувофиқати муодилнокии матни асл бо матни тарҷумашавандаро тасдиқ мекунад?**
$A) консепсияи мувофиқати меъёрӣ-мазмунӣ;
$B) консепсияи мувофиқати эстетикӣ;
$C) консепсияи мувофиқати динамикӣ;
$D) консепсияи мувофиқати шаклӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@140.Талаботи асосӣ нисбат ба мутарҷими синхронӣ чӣ гуна қобилият доштани ӯ мебошад?**
$A) дарк кардан;
$B) гӯш кардан;
$C) пешгӯӣ карда тавонистан;
$D) тарҷума кардан;
$E) дида тавонистан;

**@141.Дар кадом навъи матнҳо воҳиди камтарини тарҷума матни пурра ба шумор меравад?**
$A) ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ;
$B) маводҳои илмӣ;
$C) шеър, рамзҳои рекламавӣ;
$D) нутқи сиёсатмадорон;
$E) матнҳои хабарӣ;

**@142.Дар кадом сатҳи муодилнокӣ тарҷумаи зерин анҷом дода мешавад: Can the leopard change his spots? – Он чӣ бо шир ояд, бо ҷон барояд.**
$A) сатҳи монандии вазъӣ;
$B) сатҳи усули тасвири вазъ;
$C) сатҳи иртиботи маъноӣ;
$D) сатҳи сохтори наҳвӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@143.Ҳангоми баргардонидани калимаи "тарҷума" ба "translatese" онро чӣ меноманд?**
$A) забони сунъии сохташуда;
$B) тарҷумаи комил;
$C) тарҷумае, ки меъёри забони тарҷумашуда риоя нашудааст;
$D) мувофиқати тарҷума;
$E) гуногунсохтории забонҳо;

**@144.Навъи мувофиқати маротибагии тарҷума дар кадоме аз намунаҳои зерин мушоҳида мегардад?**
$A) landslide victory – ғолибияти мутлақ дар интихобот;
$B) piece – қисм, бурда, порча, намуна;
$C) House of Commons – Палатаи поёнӣ;
$D) Do in Rome as the romans do – Шаҳри якчашмон равӣ, якчашма шав;
$E) ҷавоби якум ва сеюм дуруст аст;

**@145.Нахустин маротиба забоншиносони канадагӣ Ж.Винне ва Ж.Дарбелне истифодаи принсипҳои лингвистии мушкилоти тарҷумаро кадом сол пешниҳод кардаанд?**
$A) 1989;
$B) 1928;
$C) 1958;
$D) 1978;
$E) 2009;

**@146.Тарҷумае, ки бештар бо истифодаи усули коркарди анъанавии (ё мошинии) матн сурат мегирад, чӣ ном дорад?**
$A) тарҷумаи адекватӣ;
$B) тарҷумаи мухтасар;
$C) тарҷумаи омехта;
$D) тарҷумаи динамикӣ;
$E) тарҷумаи дақиқ;

**@147.Сатҳи баробармаъноиро дар байни матни асл ва матни тарҷумашуда чӣ меноманд?**

$A) тарҷумаи принсипиалӣ;
$B) тарҷумаи адекватӣ;
$C) муодилнокии тарҷума;
$D) шабоҳати маъноӣ;
$E) тарҷумаи фразавӣ;

**@148.Тарҷумон бояд ҷаҳонибинии васеъ, тасаввуроти умумӣ дар бораи масъалаҳои асосии чӣ дошта бошад?**
$A) риёзиёт ва геометрия;
$B) санъати рассомӣ ва меъморӣ;
$C) иқтисодиёт, сиёсат, илму техника ва фарҳанг;
$D) таърихи дунёи қадим ва таърихи навин;
$E) ситорашиносӣ ва нуҷум;

**@149.Дар кадом сатҳи муодилнокӣ тарҷумаи зерин анҷом дода мешавад:**
**I saw him at the theatre – Ман ӯро дар театр дидам.**
$A) сатҳи иртиботи маъноӣ;
$B) сатҳи монандии вазъ;
$C) сатҳи семантикии вожаҳо;
$D) сатҳи сохтори наҳвӣ;
$E) сатҳи тасвири вазъӣ;

**@150.Нахустин маротиба хусусиятҳои лингвистии тарҷумаро кӣ асоснок кардааст?**
$A) Ревзин И.И.;
$B) Розенцвейг В.Ю.;
$C) Фёдоров А.В.;
$D) Швейтсер А.Д.;
$E) Квасюк И.В.;

**@151.Матни вазъӣ (ғайризабонӣ) чист?**
$A) доираи забоние, ки ин ё он воҳиди забонии матнро дарбар мегирад;
$B) шартҳое, ки ҷараёни тарҷума дар доираи он сурат мегирад;
$C) вазъият, замон ва маконе, ки фикри баёншуда ба он марбут аст;
$D) хусусиятҳои сохтори наҳвӣ, дар он воҳиди забонии муайян истифода мешавад;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@152.Кадоме аз ҳадафҳои зерини тарҷума нодуруст аст?**
$A) дарки матни асл ҳамеша дар тарҷума бартарӣ дошта, яке аз шартҳои муҳими тарҷума аст;
$B) мазмуни матни асл бояд тарҷума карда шавад, на ин ки қолаби матни асл нусхабардорӣ гардад;
$C) ҳамеша вожаҳои алоҳидаро бояд тарҷума кард, на ҳама фикри баёншударо;

$D) тарҷума бояд пурра ба меъёрҳои забони тарҷумашаванда мувофиқат кунад;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@153.Кадом навъи мувофиқати тарҷума дар намунаи *"piece – қисм, бурда, порча, намуна"* мушоҳида мегардад?**
$A) тафсирӣ;
$B) луғавӣ;
$C) сершуморӣ;
$D) антонимӣ;
$E) маротибагӣ;

**@154.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**The Foreign Ministers had talks on bilateral relations**.
$A) Вазирони корҳои хориҷӣ дар робита ба муомилаҳои дуҷониба гуфтушунид баргузор карданд;
$B) Вазирони корҳои хориҷӣ гуфтушуниди дуҷониба доштанд;
$C) Вазирони корҳои хориҷӣ оид ба муносибатҳои дуҷониба гуфтушунид доир намуданд;
$D) Вазирони корҳои хориҷӣ оиди масъалаҳои сулҳ гуфтушуниди дуҷониба доштанд;
$E) Ҳарду вазирони корҳои хориҷӣ оиди муносибатҳои дӯстона гуфтушунид доир карданд;

**@155.Тарҷумаи шифоҳие, ки дар як самт сурат мегирад, яъне аз забони муайяне ба ягон забони дигар чӣ ном дорад?**
$A) тарҷумаи дуҷониба;
$B) тарҷумаи ҳамзамонӣ;
$C) тарҷумаи якҷониба;
$D) тарҷумаи нопурра;
$E) тарҷумаи чаппа;

**@156.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**Ҷонибҳо аз инкишофи равобити дуҷониба изҳори қаноатмандӣ намуданд.**
$A) The sides expressed impression with the development of bilateral relations;
$B) The parts expressed satisfaction at the development of bilateral relations;
$C) The sides expressed satisfaction with the development of bilateral relations;
$D) The sides expressed satisfaction with the development of mutual relations;
$E) The sides expressed satisfaction with the improvement of bilateral relations;

**@157.Донишманди рус Фёдоров А.В. оид ба тарҷума кадом асарҳоро таълиф намудааст?**
$A) «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Лингвистикаи тарҷума»;
$B) «Забон ва тарҷума», «Назария ва амалияи тарҷума»;
$C) «Мадхали назарияи тарҷума», «Асосҳои умумии тарҷума»;

$D) «Масъалаҳои назариявӣ ва методикаи тарҷума», «Сухан дар бораи тарҷума»;
$E) «Дафтари мутарҷим», «Асосҳои тарҷумаи умумӣ»;

**@158.Дар кадом давраи таърихӣ мукаммал (беҳтар) намудани матни асл аз тарҷумон талаб карда мешуд, то он ба сатҳи эстетикии идеалӣ мутобиқат кунад?**
$A) Антиқа;
$B) Асрҳои миёна;
$C) Класситсизм;
$D) замони Эҳё;
$E) Маорифпарварӣ;

**@159.Назарияи Н.Хомский дар хусуси универсиалияти забонҳо чиро тасдиқ мекунад?**
$A) принсипи тарҷуманашавандагии забонҳо;
$B) фарқияти сохтории забонҳо;
$C) комилан тарҷумашаванда будани забонҳо;
$D) тарҷумаи нисбии забонҳо;
$E) нуқсонҳо дар тарҷума;

**@160.Тибқи назарияи В.Коллер рамзи 1:0 дар доираи мувофиқати тарҷума чиро ифода мекунад?**
$A) дар матни асл муодили муайян вуҷуд надорад;
$B) муодили дар матни тарҷумашуда буда нопурра аст;
$C) дар матни тарҷумашуда муодили муайян вуҷуд надорад;
$D) дар матни тарҷумашуда якчанд муодили воҳиди муайяни забони асл вуҷуд дорад;
$E) ҳама ҷавобҳо нодурустанд;

**@161.Маҷмӯи талаботе, ки тарҷума бояд ҷавобгӯйи онҳо бошад, чӣ номида мешавад?**
$A) модели тарҷума;
$B) муодилияти тарҷума;
$C) меъёри тарҷума;
$D) миёнчигии забонӣ;
$E) тарҷумаи таълимӣ;

**@162.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**Вохурӣ барои устувории сулҳ дар тамоми олам мусоидат намуд.**
$A) The meeting focused on the strengthening of world peace;
$B) The talks contributed to the strengthening of world peace;
$C) The meeting contributed to the strengthening of world peace;
$D) The talks contributed to the strengthening of the peace;
$E) The meeting contributed to the developing of world peace;

**@163.Кадом сатҳи тарҷумаи муодилнокӣ дараҷаи бештари монандии маъноӣ байни матни асл ва матни тарҷумашавандаро дорад?**
$A) сатҳи мақсади иртиботӣ;
$B) сатҳи сохтори наҳвӣ;
$C) сатҳи маъноии калимаҳо;
$D) сатҳи шабоҳати вазъӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@164.Ҳангоми тарҷумаи исмҳои хос, истилоҳот, номҳои ҷуғрофӣ, номгӯйи рӯзҳои ҳафта одатан кадом усули муодилнокӣ истифода мегардад?**
$A) табъизи матнӣ;
$B) мутобиқати нодир;
$C) мувофиқати маротибагӣ;
$D) иловакунӣ;
$E) ихтисоркунӣ;

**@165.Кӯмаки тарафайн ҳангоми таҳлили матн, таҳлили якҷоя ва шарҳи хатоҳои грамматикӣ ва луғавии русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ ... хеле фоидаовар аст.**
$A) бо шогирдон;
$B) бо луғат;
$C) бо ҳамкор;
$D) бо компютер;
$E) бо матни асл;

**@166.Гӯш кардани сабти овозӣ, тамошои намоишҳои телевизионӣ ва видео бо вариантҳои гуногуни забони англисӣ (US, Australia, Broken English (India, South Africa, South-East Asia) барои мутарҷими синхронӣ лозим аст?**
$A) зарур нест;
$B) зараровар аст;
$C) зарур аст;
$D) сарфи беҳудаи вақт аст;
$E) манфиатовар нест;

**@167.Барои хуб дар хотир нигоҳ доштани номҳо аз чӣ истифода бурдан мумкин аст?**
$A) луғатнома;
$B) аз матн;
$C) аналог (монандӣ);
$D) аз компютер;
$E) аз китоб;

**@168.Кадом навъи мувофиқати тарҷума дар ҷумлаи зерин мушоҳида мегардад:**
**He graduated from New Haven in 2015– Ӯ донишгоҳи Ню-Ҳейвенро соли 2015 хатм кардааст.**
$A) сершуморӣ;
$B) луғавӣ;
$C) тафсирӣ;
$D) синонимӣ;
$E) маротибагӣ;

**@169.Баргардонидани шакли хаттии калимаи нусхаи асл бо ёрии системаи хаттии забони тарҷума чӣ ном дорад?**
$A) транскрипсия;
$B) транспозитсия;
$C) транслитератсия;
$D) трансформатсия;
$E) трансмутатсия;

**@170.Чиро воситаи дар ёд нигоҳдорӣ ва захира кардани иттилоот дар хотираи мутарҷими синхронӣ меҳисобанд?**
$A) тарҷумаи компютерӣ;
$B) луғатнома;
$C) диққат;
$D) тарҷумаи шифоҳӣ;
$E) тарҷумаи гугл;

**@171.Мувофиқати мунтазами тарҷума то кадом андоза мушоҳида мегардад?**
$A) танҳо дар сатҳи калимаҳо;
$B) танҳо дар сатҳи морфемаҳо;
$C) дар ҳама сатҳҳои системаи забонӣ;
$D) танҳо дар сатҳи фонемаҳо;
$E) танҳо дар сатҳи ибораҳо;

**@172.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**Ҷонибҳо оид ба масъалаҳои байналмилалӣ табодули назар намуданд.**
$A) The parties exchanged minds on international issues;
$B) The parties exchanged views on international questions;
$C) The parties exchanged views on international issues;
$D) The parties exchanged opinions on international issues;
$E) The parties made views on international issues;

**@173.«Тарҷума кардан – маънои ба воситаҳои як забон … тарҷума кардани он чиро, ки аллакай дар забони дигар ифода шудааст, дорад» – Фёдоров А.**
$A) кӯтоҳ ва мухтасар;

$B) таҳтуллафзи ва аниқ;
$C) дуруст ва пурра;
$D) фавран ва кӯтоҳ;
$E) интихобан ва тахминӣ;

**@174.Ҳангоми суръати миёна ва тези нутқи нотиқ ба тарҷумон лозим меояд, ки дидаву даниста матни забони тарҷумаро чӣ кунад?**
$A) тафсир кунад;
$B) тасвир кунад;
$C) кӯтоҳ кунад;
$D) шарҳ диҳад;
$E) содда кунад;

**@175.Усули кам кардани ҳаҷми иттилоот бидуни зарари ҷиддӣ ба вазифае, ки тарҷумон дар пеши худ мегузорад чӣ номида мешавад?**
$A) конверсия;
$B) инверсия;
$C) компрессия;
$D) антонимия;
$E) конкретизатсия;

**@176.Ба ақидаи Тункел В.Д. ҳангоми интиқоли шифоҳӣ ба воситаи як забон кӯтоҳ кардани ҳаҷми иттилоот то чанд фоиз амали муқаррарӣ мебошад?**
$A) 10%;
$B) 20%;
$C) 60%;
$D) 30%;
$E) 50%;

**@177.Хусусияти усули транскрипсия дар чӣ ифода меёбад?**
$A) усули тарҷумаи воҳидҳои луғавии нусхаи асл тавассути барқарорсозии шакли хаттии он бо ёрии ҳарфҳои забони тарҷума;
$B) тарҷума аз ягон забони сунъӣ ба забони сунъии дигар;
$C) усули тарҷумаи воҳидҳои луғавии нусхаи асл тавассути барқарорсозии шакли овозии он бо ёрии ҳарфҳои забони тарҷума;
$D) тарҷумаи ягон жанр ё услуби иртиботӣ ба жанр ё услуби иртиботии дигар;
$E) тарҷумае, ки бо усули истифодаи яке аз имконоти ифодаи тарҷумавӣ сурат мегирад;

**@178.Соли 1959 хулосаҳои назарии марбут ба кор фармудани лингвистикаи муосирро дар тарҷума кӣ таҳия кардааст?**
$A) Ҷ.Мунон;
$B) Ж.Винне;
$C) Ю. Пейдо;

$D) Е.Нида;
$E) А.Фитерман;

**@179.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**масъалаҳои мутақобилан судманд**
$A) problems interesting to both parties;
$B) questions useful to both sides;
$C) issues of mutual interest;
$D) issues of interest to everyone;
$E) issues of bilateral interest;

**@180.Тарҷумаи таълимӣ чист?**
$A) тарҷумаи пурраи матн, бидуни ҷудо кардани калимаҳои алоҳида, ҷумлаҳо ва сархатҳо ба сифати воҳиди мустақил;
$B) усули тарҷума, ки дар он сохти синтаксисии ҷумлаи нусхаи асл ба ду ва зиёда воҳидҳои предикативии забони тарҷума табдил дода мешавад;
$C) тарҷумае, ки дар ҷараёни таълим барои тайёр кардани тарҷумонҳо ва ё ҳамчун яке аз усулҳои таълими забони хориҷӣ истифода мешавад;
$D) тарҷумае, ки мазмуни нусхаи аслро дар яке аз дараҷаҳои муодилнокӣ ба вуҷуд меорад;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@181.Компрессияи нутқ ҳангоми тарҷумаи синхронӣ бузургии мунтазам надорад, аммо то ҳадди муайян аз лиҳози забони асл ва забони тарҷума фишурда шуда ба чӣ вобастагӣ дорад?**
$A) душвории матн;
$B) забони тарҷума;
$C) суръати нутқи нотиқ;
$D) забони асл;
$E) услуби матн;

**@182.Кадом шакли тарҷумаи сарлавҳаи «Nazi Cry At Judge» мувофиқтар аст?**
$A) Мағалбардории “миллатгаро” дар суд;
$B) “Миллатгаро”- ро ба суд даъват намуданд;
$C) Доду войи “миллатгаро” бо судя;
$D) Фарёди “миллатгаро” ба судя;
$E) Воҳимаи “миллатгаро” ба судя;

**@183. Ҷараёни дарк кардани матни асл мунтазам аз чӣ сурат мегирад?**
$A) пас аз оғози нутқи нотиқ;
$B) пас аз ба охир расидани нутқи нотиқ;
$C) аз оғози нутқи нотиқ то охири он;
$D) пеш аз ба охир расидани нутқ;
$E) каме баъдтар аз оғози нутқи нотиқ;

**@184.Солҳои панҷоҳуми асри бист пас аз таҳияи назарияи илмии тарҷума мутарҷимони асарҳои бадеӣ аз чӣ изҳори ташвиш карданд?**
$A) зарурати тавзеҳи илмии ҷараёни тарҷума ба вуҷуд омад;
$B) айнияти мазмуни ифодашуда бояд ба инобат гирифта мешуд;
$C) назарияи тарҷума озодии эҷодии тарҷумонро бо шаклпарастӣ ва қоидаҳои мутобиқати қонун маҳдуд месохт;
$D) таносуби воситаҳои услубии ду забонро таҳлил кардан лозим буд;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@185.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**мухолифати нуқтаи назар**
$A) different thoughts on;
$B) various views;
$C) differences in positions;
$D) differences of approaches;
$E) different kinds of ideas;

**@186.Барои бомуваффақият дарк кардан ва тарҷума кардани матн тарҷумони синхронӣ аз нотиқ одатан чанд лаҳза қафо мемонад?**
$A) як дақиқа;
$B) 25 сония;
$C) 2-3 сония;
$D) 8-9 сония;
$E) 15 сония;

**@187.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**"Fight them", he said. "I'll fight them until I die"**
$A) – Ҷангидан, - гуфт ӯ. – Ман то ҷон дорам бо онҳо ҷанг мекунам;
$B) – Ҷанг, - гуфт ӯ. – То зидаам, ҷанг мекунам;
$C) – Ҷанг, - гуфт ӯ. – То ҷон дар рамақ дорам, ҷанг мекунам;
$D) – Ҷангидан, - гуфт ӯ. – Ман то ҷон дорам бо онҳо ҷанг намекунам;
$E) – Ҷанг, - гуфт ӯ. – То ҷон дорам, меҷангам;

**@188.Компрессия дар натиҷаи чӣ имконпазир мегардад?**
$A) кам будани иттилоот;
$B) ноқис будани итттилоот;
$C) фаровонии иттилоот;
$D) мушкил будани иттилоот;
$E) дастрас набудани иттилоот;

**@189.Дар методи тарҷумаи баръакс матни англисии ба русӣ ё тоҷикӣ тарҷумашударо гирифта онро ба англисӣ тарҷума мекунанд ва сипас бо кадом матн муқоиса мекунанд?**

$A) аслии тоҷикӣ;
$B) аслии русӣ;
$C) аслии англисӣ;
$D) аслии забони тарҷумашуда;
$E) муқоиса кардан лозим нест;

**@190.Ҳангоми суръати тези нутқи нотиқ компрессия то чанд фоизро ташкил медиҳад?**
$A) 10%;
$B) 20%;
$C) 30%;
$D) 25%;
$E) 5%;

**@191.Муодилияти тарҷума чиро мегӯянд?**
$A) тарҷумае, ки мазмуни нусхаи аслро дар яке аз дараҷаҳои муодилнокӣ ба вуҷуд меорад;
$B) тарҷумае, ки бо мақсади тадқиқотӣ сурат мегирад;
$C) умумияти мундариҷаи (қаробати маъноии) нусхаи асл бо тарҷума;
$D) тарҷумаи дараҷаи олӣ, ки барои муқоиса бо тарҷумаи моҳирона кор фармуда мешавад;
$E) қисмати ҷараёни тарҷумонӣ, ки аз рӯйи фаъолияти тарҷумонии гурӯҳи муайян муқаррар карда мешавад;

**@192.Тарҷумае, ки мазмуни нусхаи аслро ба тариқи фурӯгузор ва ихтисор ифода мекунад, чӣ ном дорад?**
$A) тарҷумаи ноқис;
$B) тарҷумаи комил;
$C) тарҷумаи нопурра;
$D) қатъи тарҷума;
$E) тарҷумаи чаппа;

**@193.Раванди ҷустуҷӯ ё интихоби қарорҳои зеҳнии тарҷумони синхронӣ кай оғоз мешавад?**
$A) пас аз охирин иттилоот;
$B) пас аз гирифтани матни хаттӣ;
$C) пас аз аввалин натиҷаҳои дарккунӣ;
$D) пеш аз дастрасии ҳамаи иттилоот;
$E) баъд аз сабти матн;

**@194.Назарияи адабиётшиносии тарҷума чиро меомӯзад?**
$A) муайян сохтани механизми ҷараён ва муқаррар намудани маҷмӯи омилҳои тарҷума;
$B) таъсиррасонӣ дар раванди тарҷума барои ба қароре омадан;

$C) таҳлилу баррасии тарҷумаи бадеӣ ҳамчун навъи эҷодиёти бадеӣ;
$D) ошкор сохтани тафовути системанокии байни забонҳо;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@195.Намояндагони маъруфи назарияи тарҷума кадом олимони шуравӣ ба шумор меравaнд?**
$A) Бархударов Л.С.;
$B) Фёдоров А.В.;
$C) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) Комиссаров В.Н.;
$E) Ретскер Я.И.;

**@196.Кӯтоҳ кардани гуфтор умуман яке аз хусусиятҳои асосии интиқоли … иттилоот мебошад?**
$A) хаттии;
$B) пурраи;
$C) шифоҳии;
$D) пайдарпайи;
$E) маъноии;

**@197.Асарҳои илмии «Тарҷума ва забоншиносӣ», «Сухан дар бораи тарҷума», «Назарияи тарҷума ва тарҷумонӣ» ба қалами донишмандони кадом давлат марбут аст?**
$A) донишмандони амрикоӣ;
$B) забоншиносони эронӣ;
$C) олимони шӯравӣ;
$D) забоншиносони тоҷик;
$E) олимони англис;

**@198.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**Could it have been hunger that made him desperate, or was he frightened by something in the night?**
$A) Магар гушнагӣ ҷонашро ба бинӣ овард ва ё аз чизе дар торикӣ тарсид?;
$B) Аз гушнагӣ ҷонаш ба лаб омад ё дар торикӣ чизе тарсонд?;
$C) Магар гуруснагӣ ҷонашро ба лаб овард ва ё аз чизе дар торикӣ тарсид?;
$D) Гушнагӣ ҷонашро ба лаб овард ё дар торикӣ чизе тарсонд?;
$E) Аз гушнагӣ ҷонаш ба лаб омад ё дар торикӣ чизеро тарсонд?;

**@199.Якҷо кардани ҷумлаҳо ҳангоми тарҷума чӣ гуна амал аст?**
$A) the poorest and most unprivileged sections of the population;
$B) the middle class bourgeoisie;
$C) the patriarchal country life;
$D) the criminal underworld;
$E) virtuous nature of man;

**@200.Ҳангоми суръати нутқи ороми нотиқ тарҷумон матнро пурра тарҷума мекунад ва ба чӣ амал даст намезанад?**
$A) овардани синонимҳо;
$B) кулбофӣ;
$C) компрессия;
$D) конверсия;
$E) инверсия;

**@201.Тарҷумони синхронӣ вазифадор аст, ки дар ҳолати нопурагии матн чӣ кореро ба анҷом расонад?**
$A) гӯш кунад, баргардонад ва қайд намояд;
$B) гӯш кунад, қайд кунад ва талаффуз кунад;
$C) дарҳол ба як қарори қатъӣ биояд;
$D) баргардонда гӯш кунад;
$E) тарҷума карда таҳлил кунад;

**@202.Тарҷумаи дурусти калимаи «осмонбӯс»-ро аз намунаҳои зер ёбед:**
$A) sky-kiss;
$B) sky-higher;
$C) sky-scraper;
$D) sky-tall;
$E) scraper-sky;

**@203.Тарҷумашиносӣ чист?**
$A) тарҷумаи нусхаҳои асл, ки ба адабиёти бадеӣ, маводҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, илмӣ-техникӣ, расмӣ-коргузорӣ ва ғ. тааллуқ дорад;
$B) василаи забониест, ки тавассути он мазмуни нусхаи асл ба тарзи тағйирдодашуда ифода меёбад;
$C) маҷмӯи соҳаҳои илм, ки ҷиҳатҳои гуногуни тарҷумаро меомӯзанд;
$D) бадалшавии воҳидҳои лексикӣ-семантикии забони нусхаи асл, ки маънои нисбатан танг доранд;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@204.Тарҷумаи синхронӣ аз дигар намудҳои тарҷума бо кадом ҷиҳатҳо фарқ карда меистад?**
$A) соддагӣ ва осон будан;
$B) мураккабӣ ва пайдарҳамӣ;
$C) сохтор ва суръати иҷрои амалҳои тарҷумонӣ;
$D) шавқу рағбат ва ҷолибият;
$E) мазмун ва мундариҷа;

**@205.Аввалин кӯшиши таҳияи назарияи тарҷума чӣ гуна характер дошт?**
$A) семантикӣ;

$B) адабӣ;
$C) лингвистӣ;
$D) грамматикӣ;
$E) маданӣ;

**@206.Тарҷумаи шифоҳӣ-хаттӣ дар таҷрибаи таълимӣ бо кадом ном маълум аст?**
$A) тарҷума-дониш;
$B) тарҷума-матн;
$C) тарҷума-диктант;
$D) тарҷума-овоз;
$E) тарҷума-навиштан;

**@207.Тарҷумаи синхронӣ чи гуна сурат мегирад?**
$A) баъд аз баёни матни тарҷумашаванда;
$B) пеш аз баёни матни асл;
$C) дар як вақт бо матни тарҷумашаванда;
$D) пеш ва баъд аз баёни матни асл;
$E) баъди баёни матни асл;

**@208. Умумигардонӣ дар тарҷума чиро мегӯянд**?
$A) табдили сохтори грамматикӣ, ки дар асоси он воҳиди грамматикӣ дар нусхаи асл ба воҳиди забони тарҷума бо маънои дигари грамматикӣ аз нав ба вуҷуд оварда мешавад;
$B) навъи тарҷума, ки бо ёрии фаъолияти ғайризабонӣ сурат гирифта, аз тарҷумаи мукаррарӣ фарқ мекунад;
$C) бадалшавии воҳидҳои лексикӣ-семантикии забони нусхаи асл, ки маънои нисбатан танг доранд, ба воҳидҳои забони тарҷума, ки бо маънои нисбатан васеъ кор фармуда мешаванд;
$D) усули тарҷума, ки дар он унсурҳои маъное, ки ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои забони матни асл аз байн рафтаанд, бо ягон воситаи дигар ифода мегарданд;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@209.Аввалин таҷрибаи тарҷумаи мошинӣ дар кадом давлатҳо гузаронида шудааст?**
$A) Амрико ва Аврупо;
$B) Аврупо ва ИҶШС;
$C) Амрико ва ИҶШС;
$D) Ҷопон ва Корея;
$E) Тоҷикистон ва Россия;

**@210.Хусусияти асосии сохтори фаъолияти тарҷумони синхронӣ пеш аз ҳама мунтазам ва баробар (ба шакли параллелӣ) иҷро кардани чӣ мебошад?**
$A) як амал;

$B) тарҷума;
$C) чанд амал;
$D) шунидани нутқ;
$E) тафсир кардани матн;

**@211.Дар тарҷума компенсатсия (ҷуброн) чиро меноманд?**
$A) навъи тарҷума, ки бо ёрии фаъолияти ғайризабонӣ сурат гирифта, аз тарҷумаи мукаррарӣ фарқ мекунад;
$B) бадалшавии воҳидҳои лексикӣ-семантикии забони нусхаи асл, ки маънои нисбатан танг доранд, ба воҳидҳои забони тарҷума, ки бо маънои нисбатан васеъ кор фармуда мешаванд;
$C) усули тарҷума, ки дар он унсурҳои маъноие, ки ҳангоми тарҷумаи матни асл аз байн рафтаанд, дар матни тарҷума бо ягон воситаи дигар ифода мегарданд;
$D) табдили сохтори грамматикӣ, ки дар асоси он воҳиди грамматикӣ дар нусхаи асл ба воҳиди забони тарҷума бо маънои дигари грамматикӣ аз нав ба вуҷуд оварда мешавад;
$E) табдили лексикӣ-семантикии воҳиди забони матни асл, ки маънои хеле васеъ дорад, бо воҳиди забони тарҷума, ки маънояш хеле маҳдуд ва мушаххас аст;

**@212.Дар кадом солҳо аввалин таҷрибаи тарҷумаи мошинӣ гузаронида шудаанд?**
$A) 1934-1935;
$B) 1965-1966;
$C) 1954-1955;
$D) 1977-1978;
$E) 1995-1996;

**@213.Навъи тарҷумаи иттилоотӣ, ки одатан ба таври шифоҳӣ сурат гирифта, ҷиҳатҳои муҳими мазмуни нусхаи аслро аник мекунад ва дар ҳузури фармоишгар ба ҷо оварда мешавад, чӣ ном дорад?**
$A) тарҷумаи баргарданда;
$B) тарҷумаи дуҷониба;
$C) тарҷумаи машваратӣ;
$D) тарҷумаи пайдарҳам;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@214.Тарҷумаи синронӣ аз намудҳои чӣ гунаи тарҷума мебошад?**
$A) соддатарин;
$B) талаботи зиёд надошта;
$C) босуръаттарин;
$D) ҷалбкунанда;
$E) камхарҷтарин;

**@215.Идеяи тарҷумаи мошинӣ кадом сол пайдо шуд?**
$A) 1929;
$B) 1937;
$C) 1946;
$D) 1977;
$E) 1985;

**@216.Тарҷумаи калима ба калима чӣ гуна сурат мегирад?**
$A) тарҷумае, ки дар доираи ҷумлаҳо ва ибораҳои алоҳида, паиҳамдигар ба ҷо оварда мешавад;
$B) дараҷаи мувофиқати матни тарҷума ба он вазифаҳое, ки ҷараёни тарҷума барои иҷрои онҳо сурат гирифтааст;
$C) бидуни ба назар гирифтани алоқаҳои маъноӣ, наҳвӣ ва услубии калимаҳо, бо усули калима ба калима;
$D) дар матни тарҷума даст кашидан аз калимаҳои мазмунан сабукбор;
$E) истифодаи мутобиқати наздиктарини воҳиди тарҷумавии забони нусхаи асл дар ҷойи дигари баёни матни тарҷума;

**@217.Таҳияи назарияи асосӣ ва илми тарҷума аз кадом аср оғоз мегардад?**
$A) миёнаҳои асри 9;
$B) миёнаҳои асри 16;
$C) миёнаҳои асри 20;
$D) миёнаҳои асри 19;
$E) дар замони муосир;

**@218.Соли 1970 кадом китоби А.Тейлор оид ба тарҷума чоп шудааст?**
$A) Назария ва амалияи тарҷума;
$B) Навъҳои тарҷума;
$C) Принсипҳои тарҷума;
$D) Тарҷума ва забоншиносӣ;
$E) Принсипҳои меъёри тарҷума;

**@219.Принсипи «Комилан донистани забони матни асл ва матни тарҷума» ба қалами кӣ тааллуқ дорад?**
$A) Тейлор;
$B) Гумболт;
$C) Э.Доле;
$D) Фёдоров;
$E) Де Соссюр;

**@220.Малакаю маҳорат тарҷумонӣ одатан дар тарҷумаи синхронӣ ба мушкилиҳо дучор мешаванд, агар тарҷумон чӣ гуна муносибат намояд?**
$A) таҷрибаи кофӣ дошта бошад;
$B) ду забонро хуб донад;

$C) тайёрии мушаххас надида бошад;
$D) аз фарҳанги ду кишвар бехабар бошад;
$E) тарҷумаи хаттиро дӯст дорад;

**@221.Чӣ миқдор асарҳои илмӣ, тибқи маълумотҳои ЮНЕСКО, дар соли 1980 тарҷума гардидааст?**
$A) 3357;
$B) 5040;
$C) 7678;
$D) 50420;
$E) 6823;

**@222.Этенн Доле чанд принсипи тарҷумаро пешниҳод намудааст?**
$A) 2;
$B) 3;
$C) 5;
$D) 4;
$E) 6;

**@223.Тарҷумаи пешакӣ, ки муодилнокии он бо ифода дар сатҳи усули тасвири ҳолати предметӣ-мантиқии мазмуни нусхаи асл маҳдуд аст, чӣ ном дорад?**
$A) тарҷумаи рефератӣ;
$B) тарҷумаи мазмунан мувофиқ;
$C) тарҷумаи корӣ;
$D) тарҷумаи озод;
$E) тарҷумаи синхронӣ;

**@224.Назарияи забоншиносии тарҷума чиро баррасӣ мекунад?**
$A) муайян сохтани механизми ҷараён ва муқаррар намудани маҷмӯи омилҳои тарҷума;
$B) ошкор сохтани тафовути системанокии байни забонҳо;
$C) тарҷумаро ҳамчун шакливазкунии байнизабонии матни асл ва матни тарҷума меомӯзад;
$D) таъсиррасонӣ дар раванди тарҷума барои ба қароре омадан;
$E) таҳлилу баррасии тарҷумаи бадеӣ ҳамчун навъи эҷодиёти бадеӣ;

**@225.Этенн Доле кист?**
$A) нависанда ва тарҷумон;
$B) тарҷумони синхронӣ;
$C) шоир ва тарҷумон;
$D) забоншинос ва шоир;
$E) адабиётшинос ва муҳаққиқ;

**@226.Тарҷумаи мухтасар чӣ гуна аст?**
$A) тарҷумае, ки дар он сарфи назар аз имконпазирии тағйироти меъёрӣ, жанрӣ-услубӣ танҳо қисмати моддию мантиқии мундариҷаи нусхаи асл ба тариқи мутобиқати комил аз сари нав барқарор карда мешавад;
$B) тарҷумае, ки бо усули истифодаи яке аз имконоти ифодаи тарҷумавӣ сурат мегирад;
$C) тарҷумае, ки дар он қисмҳои алоҳидаи нусхаи асл бо мулоҳизаҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ё ҷиҳатҳои дигари аҳамияти амалӣ дошта фурӯзгузор мегардад;
$D) тарҷумае, ки мазмуни нусхаи аслро дар яке аз дараҷаҳои муодилнокӣ ба вуҷуд меорад;
$E) тарҷумае, ки бо мақсади тадқиқотӣ сурат мегирад;

**@227.Ҳангоми тарҷумаи синхронӣ трансформатсияи махсуси сохтори синтаксисӣ ва кӯтоҳ кардани матн дар забони тарҷума, аз тарҷумони синхронӣ чиро талаб мекунад?**
$A) луғати зарурӣ;
$B) вақти зарурӣ;
$C) малакаю маҳорати зарурии касбӣ;
$D) матни зарурӣ;
$E) шумораи муайяни ибораҳои рехта;

**@228.Дарк кардани нутқи нотиқ, ки барои тарҷума кардан нигаронида шудааст, протсесси якҷоя ва мураккаби чӣ мебошад?**
$A) нотиқ ва тарҷумон;
$B) матн ва тарҷума;
$C) нутқ ва тафаккур;
$D) фарҳанг ва таърих;
$E) сарф ва наҳв;

**@229.«Мӯҳтавои матни тарҷумашаванда ва мақсади муаллифро комилан фаҳмидан зарур аст» ба чандум принсипи Этенн Доле дохил мешавад?**
$A) 3;
$B) 2;
$C) 1;
$D) 4;
$E) 5;

**@230.Тарҷумаеро, ки аз ҷониби муаллифи матни асл шудааст, ё писандида шудааст чӣ меноманд?**
$A) тарҷумаи мувофиққардашуда;
$B) тарҷумаи саҳеҳ;
$C) тарҷумаи зери назари муаллиф;
$D) тарҷумаи якгуна;
$E) тарҷумаи таҳтуллафзӣ;

**@231.Донишмандони соҳа тарҷумонҳо барои ба қолаб даровардани кадом меъёрҳо кӯшиш кардаанд?**
$A) назарияи меъёри тарҷумаи пайиҳам;
$B) назарияи тарҷумаи хаттӣ;
$C) назарияи меъёри тарҷума;
$D) назарияи тарҷумаи шифоҳӣ;
$E) назарияи меъёри тарҷумаи синхронӣ;

**@232.Дар нусхаи асл хондани ин ё он китоби бадеӣ чӣ имкониятеро пеш меорад?**
$A) донистани фарҳанг;
$B) донистани илмҳои гуманитарӣ;
$C) донистани забони хориҷӣ;
$D) донистани илмҳои иҷтимоӣ;
$E) бурро хондани китобро;

**@233.Ба ақидаи А.Д.Швецер вазифаи назарияи тарҷума аз чӣ иборат аст?**
$A) муайян намудани таносуби бадеиву эстетикии матни асл ва матни тарҷума;
$B) инъикоси пурраи услуби фардии муаллиф;
$C) муайян сохтани механизми ҷараён ва муқаррар намудани маҷмӯи омилҳое, ки ҳангоми тарҷума барои расидан ба қароре таъсир меорасонанд;
$D) барқарор намудани робитаи усулҳои тарҷумонӣ бо нуқтаи назари эстетикӣ;
$E) таҳқиқи матни тарҷума ҳамчун инъикосгари марҳилаи муайян;

**@234.Тарҷумаи хаттӣ нисбат ба тарҷумаи шифоҳӣ аз кадом осониҳо бархӯрдор мебошад?**
$A) ҳолату эҳсосоти гӯянда ва ё нависандаро мушоҳида кардан;
$B) ба аломатҳои китобатӣ шинос гардидан;
$C) пойбанд набудан ба вақти муайян;
$D) маблағи зиёдтар ба даст овардан;
$E) ба тариқи рамзҳо дар фурсати дилхоҳ тарҷума кардан;

**@235.Тарҷумае, ки маълумоти асосии нусхаи аслро бо роҳҳои имконпазир – иловаҳо, фурӯгузорӣ ва ғайра ба вуҷуд оварда, ба он муодилнокии воҳидҳои забонӣ хос нест, чӣ ном дорад?**
$A) тарҷумаи таҳтуллафзӣ;
$B) тарҷумаи интерсемиотикӣ;
$C) тарҷумаи озод;
$D) тарҷумаи адекватӣ;
$E) тарҷумаи ҳамзамонӣ;

**@236.Талаботҳое, ки тарҷума вобаста ба хусусиятҳои нусхаи асл ба услуби муайяни забонӣ бояд ҷавобгӯ бошад, кадом аст?**

$A) ифода бо рамзи мувофиқ;
$B) меъёри муқарраршудаи тарҷума;
$C) меъёри жанрию услубии тарҷума;
$D) мутобиқати ягона;
$E) мутаносибии иртиботӣ;

**@237.Мушаххасгардонӣ дар тарҷума чӣ гуна амалро мефаҳмонад?**
$A) усули тарҷума, ки дар он унсурҳои маъноие, ки ҳангоми тарҷумаи матни асл аз байн рафтаанд, дар матни тарҷума бо ягон воситаи дигар ифода мегарданд;
$B) табдили сохтори грамматикӣ, ки дар асоси он воҳиди грамматикӣ дар нусхаи асл ба воҳиди забони тарҷума бо маънои дигари грамматикӣ аз нав ба вуҷуд оварда мешавад;
$C) табдили лексикӣ-семантикии воҳиди забони матни асл, ки маънои хеле васеъ дорад, бо воҳиди забони тарҷума, ки маънояш хеле маҳдуд ва мушаххас аст;
$D) бадалшавии воҳидҳои лексикӣ-семантикии забони нусхаи асл, ки маънои нисбатан танг доранд, ба воҳидҳои забони тарҷума, ки бо маънои нисбатан васеъ кор фармуда мешаванд;
$E) навъи тарҷумае, ки бо фаъолияти ғайризабонӣ аз тарҷумаи мукаррарӣ фарқ мекунад;

**@238.Аввалин фаъолияти тарҷумонҳоро чӣ меномиданд?**
$A) тарҷумонҳо;
$B) забоншиносон;
$C) дузабонҳо;
$D) луғатнигорон;
$E) фарҳангшиносон;

**@239.Меъёрнокии назарияи тарҷума чӣ гуна аст?**
$A) маҳдуд нест;
$B) одӣ аст;
$C) хеле маҳдуд аст;
$D) ҷиддӣ аст;
$E) кушоду равшан аст;

**@240.Тарҷумаи мошинӣ (автоматӣ) кадом навъи тарҷума мебошад?**
$A) тарҷумае, ки дар он меъёри забони тарҷумашуда риоя нашудааст;
$B) тарҷумае, ки бо усули истифодаи яке аз имконоти ифодаи тарҷумавӣ сурат мегирад;
$C) тарҷумае, ки ба воситаи компютер ба ҷо оварда мешавад;
$D) тарҷумае, ки дар доираи ҷумлаҳо ва ибораҳои алоҳида паиҳамдигар ба ҷо оварда мешавад;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@241.Модели (тарҳи) тарҷума чиро меноманд?**

$A) талаботи наздикии ҳарчи бештари маънои тарҷума ба нусхаи асл;
$B) як қисми назарияи лингвистии тарҷума, ки қонуниятҳои нисбатан умумии тарҷумаро меомӯзад;
$C) тасвири шартии як қатор амалиёти фикрӣ, ки ҳангоми иҷроиши онҳо ҷараёни тарҷумаи тамоми нусхаи асл ва ё баъзе қисмҳои онро ҳосил кардан мумкин;
$D) усули тасвири ҳолати предметӣ-мантиқии мазмуни нусхаи асл;
$E) ҷараёни тасвири ҳамон вазъе, ки дар нусхаи асл ифода ёфтааст;

**@242.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**Then he began to pity the great fish that he had hooked.**
$A) Сипас дилаш ба моҳии калони ба шаст гирифтааш сӯхт;
$B) Пасон дилаш ба моҳии бӯзбалаи ба шаст гирифтааш сӯхт;
$C) Баъд дилаш ба моҳии калони ба шаст афтодааш сӯхт;
$D) Дилаш ба моҳии калони ба шаст афтодааш насӯхт;
$E) Баъд ба моҳии калони ба қалмоқ даромадагӣ дилаш сӯхт;

**@243.Тарҷумаи рефератӣ чист?**
$A) тарҷумаи пешакӣ, ки муодилнокии он бо ифода дар сатҳи усули тасвири ҳолати предметӣ-мантиқии мазмуни нусхаи асл маҳдуд аст;
$B) тарҷумае, ки дар сатҳи нисбатан пасттар аз муодилнокӣ ба ҷо оварда шудааст;
$C) тарҷумае, ки дар он доир ба ҳуҷҷати хулосашаванда – таъйиноти он, мавзӯъ, усулҳои тадқиқот, натиҷаҳои ба даст омада маълумоти нисбатан муфассал дода мешавад;
$D) тарҷумаи шифоҳии амалан дар як вақт бо талаффузи матни нусхаи асл воқеъшаванда;
$E) тарҷумае, ки бештар бо истифодаи усули коркарди анъанавии (ё мошинии) матн сурат мегирад;

**@244.«Назарияи тарҷума аз ошкор кардани системаи муносибатҳое, ки байни воҳидҳои ду забони мушаххас барқарор мегардад, иборат аст» назари кадом олим аст?**
$A) А.Швейтсер;
$B) Де Сосюр;
$C) Н. Комиссаров;
$D) И.Кашкин;
$E) Л.Бархударов;

**@245.Тарҷумаи хаттӣ дар навбати худ боз ба кадом навъҳо ҷудо карда мешавад?**
$A) тарҷумаи ҳуҷҷатӣ;
$B) тарҷумаи илмӣ ва рӯзномавӣ-хабарӣ;
$C) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) тарҷумаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва тарҷумаи хитобаҳ;

$E) тарҷумаи адабиёти бадеӣ;

**@246.Тарҷумаи дақиқ гуфта кадом навъи тарҷума дар назар дошта мешавад?**
$A) тарҷумаи шифоҳии амалан дар як вақт бо талаффузи матни нусхаи асл воқеъшаванда;
$B) таҳлили шаклу мазмуни матни тарҷума дар муқоиса бо шаклу мазмуни нусхаи асл;
$C) тарҷумае, ки дар он сарфи назар аз имконпазирии тагйироти меъёри жанрӣ-услубӣ танҳо қисмати моддию мантиқии мундариҷаи нусхаи асл ба тариқи мутобиқати комил аз сари нав барқарор карда мешавад;
$D) тарҷумаи ягон жанр ё услуби иртиботӣ ба жанр ё услуби иртиботии дигар;
$E) тарҷумаи пешакӣ, ки муодилнокии он бо ифода дар сатҳи усули тасвири ҳолати предметӣ-мантиқии мазмуни нусхаи асл маҳдуд аст;

**@247.Тарҷумаи комил чист?**
$A) навъи тарҷумае, ки баъди шунидани воҳиди муайяни матн дар фосилаи байни ин воҳидҳо сурат мегирад;
$B) тарҷумае, ки дар доираи ҷумлаҳо ва ибораҳо пайиҳамдигар ба ҷо оварда мешавад;
$C) тарҷумае, ки мазмуну мундариҷаи нусхаи аслро бидуни фурӯгузор ва ихтисор ифода мекунад;
$D) тарҷумаи шифоҳӣ, ки дар як самт сурат мегирад, яъне аз забони муайяне ба ягон забони дигар;
$E) тарҷумае, ки на бевосита аз нусхаи асл, балки аз рӯйи тарҷумаи он ба ягон забони дигар анҷом дода мешавад;

**@248.Тарҷумаи шифоҳӣ (даҳонӣ) чӣ гуна воситаи баргардонидан аст?**
$A) навъи тарҷумаи иттилоотӣ, ки одатан ба таври шифоҳӣ сурат гирифта, унсурҳои тавзеҳ, хулосакунӣ ва тарҷумаи интихобиро дарбар мегирад;
$B) навъи тарҷума, ки дар он нусхаи асл ва тарҷума дар ҷараёни баргардонидан ба таври матнҳои сабтшуда арзи вуҷуд менамояд;
$C) навъи тарҷума, ки дар он нусхаи асл ва тарҷумаи он дар ҷараёни баргардонидан дар шакли сабтнагардида арзи вуҷуд менамояд ва баъди тарҷума бори дигар муқоиса кардан ё ислоҳ намудани он имконнопазир аст;
$D) навъи тарҷума, ки бо ёрии фаъолияти ғайризабонӣ сурат гирифта, аз тарҷумаи муқаррарӣ фарқ мекунад;
$E) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

**@249.Тарҷумаи мувофиқро ёбед:**
**The old man felt faint and sick and he could not see well.**
$A) Дили пирамард заъф мерафт, ҳолаш бад буд ва чашмонаш дуруст намедиданд;
$B) Дасту пойи пирамард ҷон гирифт, дилаш хуш гашт, ӯ қариб ҳамаро медид;

$C) Дасту пойи пирамард суст шуда рафт, дилаш бехуд гашт, ӯ қариб чизеро намедид;
$D) Дили пирамард заъиф буд, ҳолаш бад буд ва чашмонаш дуруст намедиданд;
$E) Пирамард дилдард шуд, ҳолаш хеле бад буд ва чашмонаш дуруст намедиданд;

**@250.Мушкилии тарҷумаи шифоҳӣ дар чӣ зоҳир мегардад?**
$A) пойбанди вақти муайян аст;
$B) ба тарҷумон фурсате барои ҷустани вожаҳову таъбирҳои бегона дода намешавад;
$C) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$D) мутарҷим барои дигаргун намудани иборахо, дуруст намудани сохтори ҷумлаҳо фурсат надорад;
$E) мутарҷим имкони интихоб намудани сабкҳои гуногунро надорад;